# Ҳар касе назди шумо омад, дар ҳоле ки шумо бар (итоати) як мард ҷамъ шуда иттифоқ кардаед ва хост то дар байни шумо тафриқа андозад ё ҷамоати шуморо аз ҳам ҷудо созад, ӯро бикушед

Аз Фурҷа (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мегуфт: "Ҳар касе назди шумо омад, дар ҳоле ки шумо бар (итоати) як мард ҷамъ шуда иттифоқ кардаед ва хост то дар байни шумо тафриқа андозад ё ҷамоати шуморо аз ҳам ҷудо созад, ӯро бикушед."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки агар мусалмонон бар як ҳоким ва бар як ҷамоат якҷо шуданд, сипас касе омад ва хост дар он ҳукм ба он ҳоким рақобат кунад, ё хост ҷамоати мусалмононро ба гурӯҳҳо ҷудо сохта, пароканда намояд, бар онон воҷиб аст, ки аз ӯ пешгирӣ кунанд ва барои дафъи шарри ӯ аз мусалмонон ва муҳофизати ҷони мусалмонон бо ӯ биҷанганд.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee